**СУРАТМАҶЛИСИ №39**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 31 январи соли 2026** **ш.Душанбе**

Раис – доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд.
Котиби илмӣ – номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович.

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2024, таҳти №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи «Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо, ва технологияҳои сиёсӣ.

2. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи «Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо, ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович;

– мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Нигина Сулаймоновна.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 25 апрели соли 2026, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ /____________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /____________/ Сангинов Н.Н.